Ҳаловати имонро касе чашидааст, ки ба Аллоҳ ҳамчун Парвардигори худ ва ба Ислом ҳамчун дини худ ва бар Муҳаммад ҳамчун паёмбари худ розӣ бошад

Аз Аббос ибни Абдулмутталиб (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки ӯ аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунид, ки мегуфт: "Ҳаловати имонро касе чашидааст, ки ба Аллоҳ ҳамчун Парвардигори худ ва ба Ислом ҳамчун дини худ ва бар Муҳаммад ҳамчун паёмбари худ розӣ бошад."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки муъмине, ки дар имонаш содиқ ва қалбаш ба он мутмаъин бошад, дар дилаш кушоиш, шодмонӣ, ширинӣ ва лаззати наздикӣ ба Худовандро эҳсос мекунад, агар ӯ ба се чиз розӣ бошад: Аввал: Худовандро ҳамчун Парвардигор пазируфтааст, яъне дилаш бо он чизе, ки аз ҷониби Аллоҳ Таъоло ба ӯ тибқи муқтазаёти илоҳӣ - аз тақсими ризқу рӯзӣ ва дигар ҳолатҳо мерасад - дилкушод ва хушҳол мешавад ва дар дилаш ба ягон чизе эрод намегирад ва ҷуз Аллоҳ Таъоло парвардигоре намеҷӯяд. Дуюм: Ба Ислом ҳамчун дин розӣ аст, яъне дилаш бо он чизе, ки Ислом аз масъулиятҳо ва воҷибот дорад, дилкушод ва хушҳол бошад ва дар роҳи дигаре ғайр аз Ислом талош накунад. Сеюм: Ба Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳамчун Паёмбар розӣ будан, яъне дилаш кушода ва хушҳол бошад бо ҳамаи он чизе, ки ӯ овардааст, бе ҳеҷ шакку шубҳа ва танҳо роҳи ҳидояти ӯро пайравӣ кунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65116